**САЙҚАЛ**

# АФСОНАИ РОҒУН

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2006

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Муҳаррир Мубашшир Акбарзод
Мусаввир Светлана Антонова

Сайқал. **Афсонаи Роғун**. — Душанбе: «Адиб», 2006. 56 саҳ.

С $\frac{4803540202-22}{503}$ 2006

© Сайқал, 2006.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## БОЛУ ПАРИ МО СУЛҲ АСТ

Мо кафтари озодем,
Бикшода зи шодӣ пар.
Парвоз кунем озод,
Сар то ба сари кишвар.
Болу пари мо сулҳ аст,
Тоҷи сари мо сулҳ аст.
Аз меҳнати бобоён
Барпост чунин даврон.
Моён зи чунин даврон
Дорем ҳузури ҷон.
Болу пари мо сулҳ аст,
Тоҷи сари мо сулҳ аст.
Оянда аз они мо,
Мо пояи давронем.
Дарси падарони худ
Бояд ки ҳама хонем.
Болу пари мо сулҳ аст,
Тоҷи сари мо сулҳ аст.
Ҳар ҷо ки сафар созем,
Ин тӯшаи роҳи мо.
Аз сулҳ барои мо
Беҳтар набувад савғо.
Болу пари мо сулҳ аст,
Тоҷи сари мо сулҳ аст.

## АФСОНАИ РОҒУН

Гӯям кунун афсонае,
Афсонае фарзонае.
Аз қуллаҳои сарбаланд,
Аз обҳои ҳамчу қанд,
Аз оби Сурхоби калон,
Аз рафти кори сохтмон,
З-ободии ин сарзамин,
Аз мардуми нурофарин,
Аз боғу роғи ин диёр,
Аз кишвари доимбаҳор.
Даркор не деву парӣ,
Даркор не ҷодугарӣ.
Аз бою хидматгор не,
Аз чӯби сандалвор не.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Афсонае акнун шунав,
Афсона аз Роғун шунав.

## ДАРЁИ СУРХОБ

Дарёи Сурхоб
Умре равона,
Овози Сурхоб
Савти тарона,

Домони кӯҳро
Ҳар гаҳ дарида.
Умре шитобон,
Умре дамида.

Хоки ду соҳил
Гӯё ки рангин.
Кӯҳи ду соҳил
Девори сангин.

Кӯҳи ду соҳил
Якҷоя будаст,
Гӯё ки онро
Дарё буридаст.

Болои ин кӯҳ
Ҷои уқобон.
Созанд лона
Вақти баҳорон.

Дар пои ин кӯҳ
Дарёи Сурхоб
Бо ин бузургӣ
Дар печу дар тоб.

Дар ҷои тангӣ
Дарё пуроб аст,
Гӯё ба соҳил
Дар инқилоб аст.

Дарё занад сар
Бар санги хоро.
Садпора гардад,
Аз кӯҳ чӣ парво?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бар сохтани ГЭС
Ин ҷой боб аст.
Бар давлати мо
Ин дар ҳисоб аст.

Шуд навбат акнун
Бар куҳнавардон.
Омода гаштанд
Мардони майдон.

Андоза карданд
Пастӣ, баландӣ.
Хеле муносиб,
Ҳам дилписанде.

Таркиби хокаш
Карданд таҳлил,
Таҳлили қулла,
Карданд соҳил.

Таҳлили хокаш
Аъло баромад.
Дар нақша акнун
Ин ҷо даромад.

Ин марзи ҷӯшон
Шуд маркази кор,
Мошина омад,
Садҳо трактор.

Рӯи харита
Пайдо шуд акнун
ГЭС-е чу ахтар
Бо номи «Роғун».

Овозаи вай
Машҳури кишвар.
Афсонаашро
Созам кунун сар.

## ОРЗУ

Монанди Ризо – амак
Булдозерчӣ мешавам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар бари теппаву чар
Нотарсида меравам.

Чун раҳкушои кайҳон,
Амакамон Гагарин
Роҳи нав мекушоям,
Дар фазо не, дар замин.

То мошинҳо бемалол
Одамонро кашонанд.
Одамон аз кори худ
Бояд қафо намонанд.

## ГӮШАИ НАВ

Дар мактаби деҳи мо
Шуд гӯшаи нав ташкил.
Ҳар ки онро бубинад,
Албатта шавад қоил.

Ба ин гӯша овардем:
Нақшаи ГЭС–у дарё,
Аз лонаи уқобон
Як пора санги хоро.

Якто либоси корӣ,
Тоскулоҳи оҳанин.
Аз амаки геолог
Овардаем арғамчин.

Ҳамроҳи булдозераш
Сурати Ризоро ҳам
Дина кашида овард
Сураткаши мо Ҳамдам.

Шояд, ки дар ҳамин ҷо
Бо чунин ҷаҳду ҷадал
Ин гӯшаи мо гардад
Ба як музей мубаддал.

## ИСТИРОҲАТГОҲ

Хонаҳои чархдор,
Хонаҳои бешумор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз дур агар бубинӣ,
Чун шаҳри таппа тайёр.

Амакҳои коргар
Баъди кори пурсамар
Ин ҷо бурда ҳаловат
Аз бегоҳӣ то саҳар.

Дилкаш садои Сурхоб,
Дилкаш овози рубоб,
Авҷи рақсу тарона
Дил рабояд вақти хоб.

Миллатҳои гуногун
Бо ҳам рафиқу ёранд.
Чун фарзанди як модар,
Дар ҳар коре тайёранд.

## КӮҲИ РОҒУН

Дар баҳорон
Сабздомон.
Чун гулистон
Роҳати ҷон

Кӯҳи Роғун
Кӯҳи Роғун

Қулла барфин,
Поя сангин.
Сою пастӣ,
Ёла рангин

Кӯҳи Роғун
Кӯҳи Роғун

Арчабанд аст,
Дилписанд аст,
Чун Бадахшон
Ҳай баланд аст

Кӯҳи Роғун
Кӯҳи Роғун

Қулла чун Қоф
Чашмаҳо соф,
Гашта ҷорӣ
Аз ду атроф



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӯҳи Роғун

Кӯҳи Роғун

Ою бингар

Нашъае бар.

Кун тамошо,

Ваҳ, чи дилбар

Кӯҳи Роғун

Кӯҳи Роғун

## КРАНЧӢ

Чун уқоби кӯҳсорон

Дар баландӣ хона дорӣ.

Чун уқоби кӯҳсорон

Беҳаросу бурдборӣ.

Панҷаат зӯру тавоно,

Неруи пӯлод дорӣ.

Тонна – тонна борҳоро

Мебарорӣ, мефурорӣ.

Сохтмончӣ рӯи девор

Мекунад сӯят ишора.

Моту ҳайрон мо ба корат,

Мекунем бар ту назора.

Панҷаи пурборат он гаҳ

Мешавад ҳар сӯ равона.

Баъди чанде таппа тайёр

Хонаи серошёна

Эй кранчӣ, эй кранчӣ,

Беҳаросу бурдборӣ.

Чун уқоби кӯҳсорон

Дар баландӣ лона дорӣ.

## АСОИ ЧӮПОН

Гаҳе такягоҳ

Асои чӯпон.

Нишон диҳад роҳ

Асои чӯпон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Камони бетир
Асои чӯпон.
Тайёру ҳозир
Асои чӯпон.

Надорад амсол
Асои чӯпон.
Ҳисобгари мол
Асои чӯпон.

Агарчи бечон
Асои чӯпон,
Қотили гургон
Асои чӯпон.

## АМАКИ ҲАСАН

Амаки Ҳасан
Фарҳоди замон,
Амаки Ҳасан
Марди паҳлавон.

Як даҳу чор сол
Тунел кофтаст.
Даруни тунел
Симтӯр бофтаст.

Аз кардаи худ
Бисёр шод аст,
Зеро ки кораш
Маҳсул додаст.

Дар қуллаи Нор
Мисли уқоб аст.
Арзанда кораш
Садҳо китоб аст.

Гуфто ба моён
Бо рӯи гулгун,
Ки баъди Норак
Равам ба Роғун.

Амаки Ҳасан
Фарҳоди замон.
Бошад саломат,
Инсони инсон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ГУЛДАСТА

Гулдаста, ҳо Гулдаста,
Дар водӣ гулҳо руста.
Биё, рафта бичинем
Гулҳоро даста – даста.
Мо ҳамроҳи Диловар
Бурда диҳем ба модар.
Ин тӯҳфаи баҳорон
Бар модари меҳрубон.
Модар гирифта бӯяд,
Моро офарин гӯяд.
Фардо иди занон аст,
Ин тӯҳфаи калон аст.

## КАЛОН АЗ ТОҶИКИСТОН

Бобоям ба ман гуфто:
Медонӣ ту, Шарафҷон,
Даҳ сол ман калонам
Аз умри Тоҷикистон.

Ришу рӯяш сафед аст,
Пешонияш пурожанг.
Ҳама мӯяш сафед аст,
Дар пояш осори ҷанг.

Бовар кунам ва ё на
Ба гуфтаи бобоҷон?
Зеро мисли Шукрона
Танҳо дорад ду дандон.

## НОТИҚ

Дар хона нотиқ,
Дар роҳ нотиқ,
Дар синф нотиқ,
Ҳар гоҳ нотиқ.

Маърӯзаи вай
Сафсатахонӣ.
Гапҳои нохуб,
Ҳамноммонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар дарс аммо
Бошад нафасдиқ
Ҳайрон муаллим,
Ҳамсинфҳо зиқ.

Як ҷумла гуфтан
Бар вай муҳол аст.
З-ин кори нотиқ
Бар кас малол аст.

## БИБИЯМ ҶОНИ ҶОН АСТ

Ман бибибинӣ рафтам,
Дина пешинӣ рафтам.
Бибӣ маро «ҷонам» гуфт,
«Қуввату дармонам» гуфт.
Сила намуд мӯямро,
Бӯсид бари рӯямро.
Ҷон писаракам гуфто,
Тоҷи саракам гуфто.
Баъд пурсид аз модар,
Аз хоҳару аз додар,
Баъд пурсид аз нинӣ,
Меояд нинибинӣ.
Аҷаб ӯ меҳрубон аст,
Бибиям ҷони ҷон аст.

## МУАММО

Дар се ҳарфи алифбо
Ёбӣ басо муаммо:
Номи адад як ҳиҷо,
Дар вазнинӣ сад кило.
Ба зӯрӣ бардорад хар,
Ба як асар баробар.
Кӣ меёбад ин адад?
Ин адад мешавад… сад.
Боз якто «а»-ро монем,
Дарахтеро мехонем,
Дарахти соядор аст,
Дар Шайнаки Ҳисор аст,
Аз ду ҳиҷо иборат,
Дар пеши як иморат,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мехонем хат нозада,
Номаш чӣ будаст?... Сада
Ҷӯраҷон, андаке ист,
Номи соҳиби он чист?
Чаро шудӣ ту ҳайрон?
Номи соҳибаш осон.
«А»-ро аввал биёрем,
Охир адад гузорем.
Вай ҷӯраҷони Самад,
Номаш чӣ будаст?... Асад.

## ДУГОНАҲО

Валяи кокулзарин,
Ҳам Дилбари маҳҷабин.
Гӯё апаву хоҳар,
Чун духтари як модар.
Қадду қоматҳо монанд,
Либосҳошон дилписанд.
Ё аз дуру ё наздик
Нагӯӣ русу тоҷик.
Онҳо ба ҳам дугона,
Чун ду мағзи як дона.

## ФАРОШТУРУКИ МЕЪМОР

Фароштуруки меъмор
Устои хуби гилкор.
Аҷоиб лона сохтаст,
Дар шифти хона сохтаст,
Бе лому табар сохтаст,
Танҳо, беҳашар сохтаст,
Лойро ба нӯл овардаст,
Ҳай лойи мӯл овардаст.
Чӯбу тахта надорад,
Тагаш пахта надорад.
Не курпаю не бистар,
Танҳо дорад якто дар…
— Чаро дар шифти хона
Доим месозад лона? –
— Бо одам, ки қарин аст,
Аз душманон эмин аст.

## СОАТИ БОБО

Соати бобои мо
Соати хеле зӯр аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷояки он дар катак,
Соати донахӯр аст.

Вай соати тило не,
Вале тоҷаш тилоин.
Огаҳ кунад боборо
Аз саҳару аз пешин.

Субҳдам, ки ҷеғ занад,
Мешавад бобо бедор.
Нахобида баъди он
Мешавад аз паи кор.

Соати бобои мо
Соати хеле зӯр аст
Тамғаи он «Хурӯсҷон»
Соати донахӯр аст.

## ТӮҲФА

Вазифаам калон аст,
Ман синфи як мехонам.
«Қаҳрамон мешавам»-ро
Кайҳо азёд медонам.

Аз сурудхонӣ аъло,
Ҳам аъло аз алифбо,
Аз меҳнати дастӣ ҳам
Аъло дорам доимо.

Доим баҳои аъло
Тӯҳфа барам ба модар.
«Раҳмат»-ҳои бешумор
Орам барои падар.

Модарҷону падарҷон
Хурсананд аз кори ман
Доимо маро гӯянд:
«Баракалло, қанд зан»

## ҶИНГИЛАМӮ САЙЁРА

Зебо укочаи ман,
Лолои очаи ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бозӣ намуда доим
Ҳамроҳи зочаи ман.
Хеле хушрӯ Сайёра,
Ҷингиламӯ Сайёра.
Ҳангоми кори очам
Гиря наменамояд,
Аз тори мошини ман
Поин намефарояд.
Хеле хушрӯ Сайёра,
Ҷингиламӯ Сайёра.
Дирӯз буд чароғпоя,
Ҳоло равон дупоя.
Бурда зочаи худро
То хонаи ҳамсоя.
Хеле хушрӯ Сайёра,
Ҷингиламӯ Сайёра.
Донад ҳама чизро ӯ,
Гапро гарчи надонад.
Гир гӯӣ, ӯ бигирад,
Мон гӯӣ, боз монад.
Хеле хушрӯ Сайёра,
Ҷингиламӯ Сайёра.

## ЁРӢ БА ХОЛА

Ҳар саҳар ману Олам
Ёрӣ диҳем ба холам.
Азбаски хола пир аст,
Мӯҳояш мисли шир аст.
Ба чӯҷаҳош диҳем дон,
Ба гурбааш диҳем нон.
Ба гулҳояш монем об,
Ба худаш диҳем чолоб.
Ҳавлияшро рӯбонем,
Гилемашро афшонем.
Гӯяд: -- Раҳмати бисёр,
Набераҳои ғамхор!

## АВВАЛ БУБИН ҶОИ ХУД

Мусичае омад башаст,
Назди дари хона нишаст.
Буд гурба он ҷо дар қабу,
Ҷасту гирифт онро ба даст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чун дид инро Шодмон,
Зад гурбаро бо шаст он.
Партофт сайди хешро
Бигрехт ӯ мав-мавкунон

Мусича бе ҳолу мадор
Бар ёрие буд интизор.
Бигрифта ӯро Шодмон
Монанди ёри ғамгусор.

Болу парашро соз кард,
Омодаи парвоз кард.
Бар вай бидода обу дон,
Роҳи сафедаш боз кард.

Гуфто: - Кунун паррида рав,
Дигар саросема нашав,
«Бояд, ки бинӣ ҷои худ,
Он гаҳ бимонӣ пои худ».

## СОАТ

Рӯи стол
Ҳай чақ занад,
Тамоми сол
Тақ-тақ занад.

Раҳ гаштаву
Шитоб кунад,
Солу маҳро
Ҳисоб кунад.

На шаб хобу
На рӯз қарор,
Моро зи хоб
Кунад бедор.

Яке сӯи
Мактаб равем,
Яке паи
Матлаб шавем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз рӯи он

Амал кунем,

Мушкилиҳоро

Ҳал кунем.

## ШАРОРА

Санге занад ба санге,
Аз он шарора резад.
Аз як шарора мумкин
Басо аланга хезад.

Пазад ҳама чизи хом
Барои аҳли инсон.
Гармӣ диҳад ба хона
Ҳамеша дар зимистон.

Аз як шарора равшан
Шавад шаби зимистон.
Доим шарора лозим
Дар рӯзгори моён.

## ЗИМИСТОН

Зоғи ало пар занад,
Нишаста қар – қар занад.
Ояд шамоле вазон,
Рӯбад зи роҳаш хазон.
Баъд зимистон шавад,
Барфи фаровон шавад,
Оби равон ях кунад,
Ҳавзи калон ях кунад.
Мавсими бозӣ шавад,
Ҳай лижатозӣ шавад.
Боби тамошо шавад,
Табъи дили мо шавад.

## ЯК ШАБИ САРМО ГУЗАШТ

Гунҷишки зери айвон
Як саҳари зимистон
Ҳасмояро садо кард,
Вайро чунин нидо кард:
— Ҳамсоя, зинда ҳастӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз хунукӣ бирастӣ?
Ман хеле хунук хӯрдам,
Хайрияте, намурдам.
Пешаки ман биё зуд,
Ҳарду бихонем суруд,
К-ин шаби сармо гузашт,
Каме ғами мо гузашт.

## ЧАШМИ САРҲАД

Аз чашми сарҳад
Раҳоӣ набвад,
Дар кори сарҳад
Хатоӣ набвад

Шаб асту ором,
Ҳама ҷо хомӯш.
Бедор сарҳад,
Сарҳад ҳушу гӯш.

Ҷосус чӣ донад,
К-он ҷо чӣ сон аст?
Ҳар буттаву санг
Як посбон аст.

Ногаҳ садо: Кист?
Наҷунб аз он ҷо!
Дар ҷои худ ист,
Дастат ба боло!

Ҷосус лол аст,
Ҷосус ҳайрон.
Баҳри халосӣ
Куҷост имкон?

Дар кори сарҳад
Хатоӣ набвад.
Аз чашми сарҳад
Раҳоӣ набвад.

## ЛАКАТОР

Дар болои баландӣ
Як мошини чапаргӯш.



бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамеша мезанад давр
Вай бесадову хомӯш,

Наравад ҷои дигар,
Истодааст як ҷо.
Магар бозича бошад
Аз барои тамошо?

Бозича не, лакатор,
Дорад сирри аҷоиб.
Бо дастгоҳи махсус
Бинад ҳозиру ғоиб.

Вай фазои Ватанро
Мекунад муоина.
Душмане шавад пайдо,
Бинад он чу оина.

Лакатор мисли аскар
Ҳозир ба ҳар фармон аст,
Лакатор бозича не,
Лакатор сарҳадбон аст.

## МАН АЗ ШУМО КАЛОНАМ

Дигар ман хурдакак не,
Ман аз шумо калонам.
Худатон бинед маро,
Падари меҳрубонам.

Надоред агар бовар
Шумо шинеду ман рост.
Ба назди шумо истам,
Сарам аз шумо болост.

Худатон дидед акнун,
Ман аз шумо калонам.
Дигар ман хурдакак не,
Бояд, ки мактаб хонам.

## ФАРОВОНӢ

Овози тундар омад
Аз бому аз дар омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пайғоми навбаҳор ин,
Оғози кишту кор ин.
Момои ман ҳамоно
Ба аҳли мо бигуфто:
Кафлезро биёред,
Ба дасти ман супоред.
Аз рафтагон нишона
Болои боми хона.
Кафлезро ҳаво дод,
Инро ҳаво чаро дод?
Ӯ бар саволи моён
Гуфто ба рӯи хандон:
— Афтад агар парӯ он,
Ҳосил шавад фаровон.

## МАН ХУШБАХТИ ҶАҲОНАМ

Медонӣ, ман чӣ сонам?
Ман хушбахти ҷаҳонам.
Аз бахти безаволам
Ман тарона мехонам.

Ман ҳама чиро дорам,
Бозичаҳо пури пур.
Доим серу пӯшида,
Доим шоду ғамам дур.

Додоҷонам муаллим,
Орад китоби гулдор.
Хурӯси қандин хоҳам,
Додом орад аз бозор.

Давлати ман калон аст,
Ман хушбахти ҷаҳонам.
Аз бахти безаволам
Ман тарона мехонам.

## РУХСОРА АЛАМ ДОРАД

Ҳай кори қизиқ шудаст,
Рухсораҷон зиқ шудаст.
Хандаякош кам шудаст,
Чашмонаш пурнам шудаст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кӣ медонад, чӣ шудаст?
Дар хона нинӣ шудаст.

Гаҳвораро гирифтаст.
Ҷои варо гирифтаст.
Рухсора алам дорад,
Нинича чӣ ғам дорад?

Ӯ набзи баччаҳоро
Ҳис мекунад батакрор.

Чун моҳтоб модар,
Исторагон дар оғӯш.
Модар ҳамеша бедор,
Гӯё ҷаҳон дар оғӯш.

## МОДАР

Бачаҳо масти хобанд
Чун хӯшаи ситора.
Модар чу моҳи бедор
Ҳамвора дар назора.

Сулфад яке баногоҳ,
Модар бихезад аз ҷо,
Истода мекунад гӯш
Бар баччаҳои зебо.

Хоб аст агарчи модар,
Ҳушаш валест бедор.

## ДУОИ БИБӢ

Ҳар гаҳ шинем сари хон,
Ҳар гаҳ, ки мо хӯрем нон,
Дасти бибиям боло,
Мекунад ин сон дуо:
— Сулҳу амонӣ бошад,
Хуш зиндагонӣ бошад.
Бошад хуршеди тобон,
Бошад ҳама чиз арзон.
Нинеҳо шоду хуррам,
Модар ҳамеша беғам.
Ҷангу ҷидол зинҳор,
Ҳаргиз нагардад такрор!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҲАЙКАЛИ ТИЛО

Гаҳворапӯши Наргис
Очам агар кушояд,
Як пораи шарора
3-он ҷой мебарояд.

Як ҳайкали ҷилодор,
Чун ҳайкали тилодор.
Бо як ҷаҳони ханда
Мегардад ӯ намудор.

Аз хандаву табассум
Пур гашта хонаи мо.
Ҳамроҳи Наргис он гаҳ
Тафсад таронаи мо.

Рақсида назди Наргис
Дар хона тӯй дорем.
Шодем, ки чун ӯ хоҳар
Хуршедрӯй дорем.

## МЕҲМОН

Дар хона меҳмон омад,
Меҳмони гирён омад.
Моён ҳама саргардон,
Хола, амма саргардон.
Духтурдоя саргардон,
Ду ҳамсоя саргардон.
Очаи меҳмон касал,
Меҳмон гирён бебадал.
Вале моён хурсандем,
Ӯ гиряд, мо механдем.
Дили мо аз он шод аст,
Зеро ки ӯ навзод аст.
Баъд ҳама якҷоя,
Ҳам духтуру ҳамсоя,
Номи муносиб кофтем,
Кофтему охир ёфтем,
Сад нома қатор хондем,
Номашро Баҳор мондем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РАСМИ КӮҲИСТОН

Аз пушти қулла
Густарда доман
Хуршеди олам
Бар кӯҳу барзан.

Дар пояи кӯҳ
Деҳа намоён.
Атрофи деҳа
Ғарқи дарахтон.

Дар пеши деҳа
Дарёи чун шир.
Бо аҳли деҳа
Пайваста тақдир.

Духтарчаро бин,
Об мекашонад.
Модар ба кӯдак
Шир мемаконад.

Дар пеши ҳавлӣ
Як села мурғон.
Соҳиби хона
Дар косааш дон.

Якто набера
Ҳамроҳи кампир.
Дар пеши ҳар ду
Як косаи шир.

Сад расм дар даст
Дорам тамошо.
Расми куҳистон
Аз ҳама зебо.

## ДЕҲАИ МО

Деҳаи моён
Деҳи куҳистон.
Бисёр зебо
Вақти баҳорон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Сар – сари ёла,
Бар – бари мола
Монанди алвон
Бишкуфта лола.

Чукрию торон
Ин ҷо фаровон.
Бишкуфта зебо
Гулҳои ҳолмон.

Ҳарчи хоҳӣ, бин,
Ҳарчи хоҳӣ, чин,
Ҳама ҷо зебо,
Ҳама ҷо рангин.

## НОНИ ГАНДУМ

Сурхии рухсори мардум,
Гармии бозори мардум,
Ғайрати саршори мардум –
Нони гандум, нони гандум.

Беғамии модари ман,
Ҳусни рӯи хоҳари ман,
Шӯхиҳои додари ман –
Нони гандум, нони гандум.

Хуррамии насли одам,
Маҳкамии сулҳи олам,
Бозувони зӯру маҳкам –
Нони гандум, нони гандум.

Хонаи мо тӯйхона,
Кӯчаҳо пур аз тарона,
Дар суруди кӯдакона –
Нони гандум, нони гандум.

## ДИГАР ҶӮРАТ НАМЕШАМ

Ту беҳаё, гурбача
Бади бало, гурбача.
Шири Шарафа хӯрдӣ,
Хӯрдию пай набурдӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вақте ки хезад аз хоб,
Чӣ гӯемаш дар ҷавоб?
Шир гӯяд, шир наёбад,
Бихоб гӯем, нахобад,
Кори очаам бисёр,
Андеша кардан даркор.
Айби калон мешавад,
Шараф гирён мешавад.
Туро он гаҳ мегӯям:
Нигаҳ накун ба рӯям,
Мияв нагӯ дар пешам,
Дигар ҷӯрат намешам.

## ЧАШМА

Дар гармои тобистон,
Ҷои салқин мекобем.
Ин гуна ҷои салқин
Назди чашма меёбем.

Дар сармои зимистон
Яхбандӣ ҳама атроф.
Оби чашма вале гарм
Бе ягон дурӯғу лоф.

Ман ҳайрон, Зебо ҳайрон,
Гӯед шумо, очаҷон:
— Чаро гарму хунук аст
Тобистону зимистон?

— Чашма ҳам ақл дорад,
Бар нафъи одамон аст,
Дар ҳар ду фасли сол он
Роҳати дилу ҷон аст.

## ФАСЛИ ХАЗОН

Фасли хазон расида
Дар гузари мо.
Боди хунук вазида
Дар ба дари мо.

Ҳамчу парони товус
Барги дарахтон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Канда шавад зи шохе
Афтида поён.

Рӯи раҳу бому дар
Барги хазон пур.
Рангбаранг гӯё
Рӯи ҷаҳон пур.

Фасли хазон аҷоиб,
Боби тамошо.
Рӯи замин саропо
Пӯшида тилло.

## ЧОРМАҒЗ

Як муш дар боғ
Аз роғ бар роғ
Хӯрок мекофт,
Чормағзаке ёфт.
Чормағзаки нағз,
Пуропури мағз.
Хурсанду хандон,
Рақсид чандон.
Он гаҳ ба хӯрдан,
Бар маза бурдан,
Чормағз дар даст,
Дузону биншаст.
Ногаҳ дар он ҷо
Дид гурбаеро.
З-он душмани шум
Шуд золу мазлум.
Худро ба як зӯр
З-он ҷо намуд дур.
Аз муш дуртар
Дар шохи ар-ар,
Дар гӯшаи боғ
Биншаста як зоғ
Ин лаҳзаро дид,
Бо худ бихандид.
Бо хотири шод
Гуфто: - Худо дод!
Чормағзаки нағз,
Пуропури мағз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бигрифта онро,
Дармони ҷонро
Пар боз бинмуд,
Парвоз бинмуд.
Аз боғи боло,
Домони саҳро.
Дар як бари сой
Хилват яке ҷой.
Орому бешаст,
Оҳиста биншаст
Он гаҳ ба хӯрдан
Бар маза бурдан
Зад нӯли худро
Он зоғи доно
Ногаҳ бизад қар,
Чормағз шуд чар.
Ҳарчанд мекофт,
Онро намеёфт,
Бо қалби чун доғ
Навмед шуд зоғ,
Акка нигаҳ дошт,
Лекин панаҳ дошт.

Вай бо дили шод
Гуфто: - Худо дод.
Ман сер ҳоло,
Монам ба фардо.
Бо як баҳона
Карда нишона.
Баъд аккаи зӯр
Бо як дили пур
Пар боз бинмуд,
Парвоз бинмуд.
То лонаи худ
Хурсанду хушнуд.
Осуда хобид,
Хобе аҷаб дид.
Субҳи саҳар шуд.
Рӯзи дигар шуд.
Бархест аз хоб
Аз хоби нобоб.
Ҳайрону ҳам лол
Гуфто: чӣ аҳвол?
Саҳро сафед аст,
Ҳар ҷо сафед аст,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чун асп тозон
Омад зимистон?
Бод, ҳарчи бодо,
Зад пар аз он ҷо
Бар сӯи дона
Ҷои нишона
Ҳарчанд мекофт,
Онро намеёфт.
Нишонааш нест,
Ҳам донааш нест.
Барфе саропо
Пӯшида саҳро.
Ё ҳаст умеде
Аз ноумедӣ?
Ман мемурам! – гуфт,
Чӣ мехӯрам? – гуфт.
Баъди зимистон
Шуд навбаҳорон
Боз акка пар зад,
Аќлаш ба сар зад.
Бар ёди дона
Ҷои нишона
Ҳарчанд мекофт,
Онро намеёфт.
Аммо дид он ҷо
Ниҳолакеро.
Чун зулфи куку
Қад мекашад ӯ.
Аз оби борон
Дар навбаҳорон
Се сол бигзашт,
Хушҳол бигзашт,
Чормағзаке руст,
Чормағзҳо баст.
Чун хӯшаҳо баст,
Пешу қафо баст.
Ин қисса ҳар бор
Баргашта такрор
Дар ҳар бари сой
Дар дашту ҳар ҷой,
Дар кӯҳу тал ҳам,
Дар ҳар маҳал ҳам
Шуд боғи чормағз
Савғотии нағз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳам бурд мушак,
Ҳам хӯрд мушак.
Пиру ҷавон хӯрд,
Хурду калон хӯрд,
Ҳам акка мебурд,
Ҳам зоғ мехӯрд.
Ҳам зеби хон шуд,
Роҳат ба ҷон шуд.
Ҳам хона обод,
Ҳам меҳмон шод.
Чормағзаки нағз
Пуропури мағз.
Савғои зебо
Чун қиссаи мо.

## БУЗҒОЛА

(Афсона)

Бибӣ афсона гуфтаст,
Баҳри Мастона гуфтаст:
— Будаст яке бузғола
Дур аз деҳа дар ёла.
Аз пода қафо мондаст,
Яккаву танҳо мондаст.
Пасу пешашро кофтаст,
Роҳи деҳро наёфтаст.
Қарибии шаб шудаст,
Ҳангоми ғанаб шудаст.
Як ҷари калон будаст,
Ҷои оҳувон будаст.
Поёнаш дарё будаст,
Мисли аждаҳо будаст.
Ана дар ҳамон ҷарӣ,
Дар ҷои бехатаре
Бузғола панаҳ бурдаст,
Панаҳ то пагаҳ бурдаст
Шаби баҳорон будаст,
Тундару борон будаст.
Шаб омада гурги бӯр,
Дар калонӣ чун шутур.
Ҷонро дар хатар мондаст,
По бар лаби ҷар мондаст.
Ду қадам то бузғола
Худро карда кашола.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ногаҳ пояш лағжидаст,
Аз он ҷарӣ афтидаст.
Оби дарёяш бурдаст,
Бар ким-куҷояш бурдаст.
Бузғола зинда мондаст,
Дар ёла зинда мондаст.
Пагоҳ соҳибаш кофтаст,
Аз лаби ҷарӣ ёфтаст.
Аз он ҷо баровардаст
Ба хонашон овардаст…
Бибӣ афсона гуфтаст,
Набера кайҳо хуфтаст.

## ГАЗАНДА

Дар лаби ҷӯбор,
Ҷои алафзор
Намуда бозӣ
Хурдакак Аброр.
Чизе, ки будаст,
Ӯро газидаст
Ногаҳ зи дасташ,
Худаш надидаст,
Бо доду фарёд
Гуфтаст «имдод!»
Бобо шунидаст,
Аз дур дидаст,
Хандида он ҷо
Бобо расидаст.
Гуфто: - На ғунда,
На мори ганда,
Алаф газидаст,
Номаш газанда.

## МАСХАРАБОЗ

Масхарабоз, масхарабоз,
Боз бисоз, соз бибоз.
Аз бозият ханда занем,
Хандаи зебанда занем.
Ханда бувад кайфу сафо,
Ханда диҳад умру бақо.
Масхарабоз, масхарабоз.
Соз бибоз, боз бибоз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

К-аз бозият розӣ шавам,
Мисли ту дар бозӣ шавам.
Умри ману хоҳаракам,
Умри ману додаракам,
Умри холаву амма,
Умри ҳама
Чун Сарвиноз
Шавад дароз.

## НОЗИРИ РОҲ

Ҳар кӯчаи шаҳри мо
Кӯчаи Каҳкашон аст.
Мошинаҳо чун дарё
Давон асту равон аст.

Дар чорсӯ ситода
Мижа намекунад таҳ.
Ҳушаш ба фавҷи мошин,
Ҳушаш ба одами раҳ.

Ҳуштак кашад гоҳе вай
Гоҳе кунад ишора.
Шаҳре ба зери фармон,
Шаҳре зери назора.

Кори ҳазорон кунад,
Агарчи як одам аст.
Мақсадаш мақсади мо,
Хушбахтии одам аст.

Ишорачӯби дасташ
Ҷон аз хатар раҳонад.
Фалокате шуданро
Огаҳ кунад, намонад.

## ДУНЁ ПУР АЗ СУОЛ АСТ

Дунё пур аз суол аст,
Осон асту муҳол аст.
Одам чаро инсон аст?
Маймун чаро ҳайвон аст?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Говро гаҳе гав гӯянд,
Оташро алав гӯянд.
Тоқӣ чаро телпак не?
Тағо чаро амак не?
Бобо чаро бибӣ не?
Бибӣ чаро нинӣ не?
Ҳазор чаро паи ҳам
Худро чаро диҳам ғам?
Парвонаяк мепарад,
Хобам чаро мебарад?
Хобаки ширин чаро
Бар ҷогаҳам мебарад?

## НИШОНАҲО

Дар паси девор,
Дар бари деҳа
Ҳар ҷой бинӣ
Садҳо нишона.

Монда якеро
Назди дулона:
Ин тарҳи мактаб,
Ё тарҳи хона.

Ё ҷои ҳавз аст,
Ё ҷои кино,
Ё кӯдакистон
Дар ҷои зебо…

Шаҳре чи дилкаш,
Шаҳре дилоро,
Дар рӯи коғаз
Сабт аст ҳоло.

Фардо бисозем
Дар ин замина
Шаҳри базебе
Зина ба зина!

## КӮҲНАВАРДОН

Як даста одамонанд,
Дар кӯҳу ҷар равонанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Борхалташон пури бор,
Монанди аскаронанд.

Бо банду белу мисрон,
Аз қулла то ба поён,
Монанди дорбозон
Худро кунанд авезон.

Бо ҳам рафиқу ёранд,
Тарсе ба дил надоранд.
Ҷӯяндагони ганҷанд,
Таркиби хок санҷанд.
Ҳар як далеру марданд,
Ин даста кӯҳнаварданд.

Аз байни шохсорон
Парандаҳо париданд.
Рӯбаҳу хирси каҷпо
Аз хоби худ рамиданд.

Гӯё дили кӯҳ таркид,
Замин якбора ларзид.
Ҳам Лонаи уқобон
Гӯё зи ҷой лағжид.

З - оғози кори Роғун
Ин хушхабар ба мо буд.
Дар деҳи мо ҳамон рӯз
Тӯи калон бапо шуд.

## ТАРКИШ

Кӯҳи баланд битаркид,
Буд ҳар ҷӣ, бар ҳаво дод.
Таркиши он чу вулқон
То қуллаҳо садо дод.

## УҚОБХОНА

Кӯҳи Уқобхона
Дар баландӣ баланд аст.
Чун қасри чилманоре
Бисёр дилписанд аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғайр аз паранда он ҷо
Дигар чи раҳ наёбад,
Оҳуи тезрафтор
Он ҷо панаҳ наёбад.

Дар пои он шабу рӯз
Равон аст рӯди Сурхоб.
Бар санг мезанад сар,
Бошаст меҳӯрад тоб.

Кӯҳи Уқобхона
Сар то ба пост хоро.
Дар доманаш бисозем
Сарбанди ГЭС-ро мо.

## БОБОИ МО ПОСБОН

Лаб – лаби марзи Сурхоб
Даштест рӯи сангоб.
Дар ин бузургмайдон,
Майдони номдорон.

Ҳархела мошин акнун
Дар сохтмони Роғун.
Онҳо рӯз аз паи кор,
Шабона қатор-қатор,
Ба гаражи худ оянд,
То фароғат намоянд.
Дар гаражи мошинҳо
Қаровул бобои мо,
То номи худ барорад,
То ҳиссае гузорад
Дар ин хазинаи нур
Бобои мо Баҳодур.

## ШАҲРИ ПУРБОР

Аз ҷониби Душанбе
Бар коргоҳи Роғун
Мошинаҳо равонанд,
Бори онҳо гуногун.

Аҷаб мошинҳои зӯр
Болояшон пур аз бор,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун турнаҳо равона
Ҳар яке аз пайи кор.

Дар пеши ҳар яки он
Овехта байрақчаҳо,
Чун корвони сурханд
Дар роҳи кӯҳу талҳо.

Онҳо барои Роғун
Девору дар кашонанд.
Бори худро бемалол
Ҳар вақт мерасонанд,

То шаҳри нав бисозем
Дар бағали кӯҳистон,
То ҳусни он баъд аз ин
Афзун шавад дучандон.

Миёнаи кӯҳ
Ҷангали анбӯҳ.

Дар байни воҳа
Равона Сурхоб,
Дарғоти Роғун
Аз ӯст шодоб.

Дар ду бари кӯҳ
Чароғи тобон,
Рӯзона хомӯш,
Шабҳо фурӯзон.

Дара шарархез
Шабона аз дур.
Гӯӣ чу рӯз аст
Аз сурати нур.

## ДАРА ПУР АЗ НУР

Аз ин тараф кӯҳ,
Аз он тараф кӯҳ,

## РОҲКУШО

Ризо – амаки моён
Бисёр одами чаққон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Монанди булдозераш
Худи ӯ ҳам паҳлавон.

Аз зӯри булдозераш
Замин ба ларза ояд.
Пешопеши бели вай
Ҳарчи ояд, рабояд.

Ризо – амаки моён
Кушода роҳи бисёр.
Роҳи каҷу килебро
Басе намуда ҳамвор.

Аввалин шуда, бинед,
Раҳи ГЭС-ро кард ӯ сар.
Аз ҳама аввал гузашт
Аз бари кӯҳу камар.

Аз бари дараи танг
Натарсида гузар кард.
Дар як ҷари пурхатар
Як роҳи бехатар кард.

## МОҲИ ЗАМИНӢ

Дар тори як баландӣ,
Дар ҷои дилписанде,
Дидам шабона аз дур
Як моҳи ғарқаи нур,
К-аз нури ӯ шабона
Равшан тамоми хона.
Пастӣ, баландӣ равшан,
Дашти Каландӣ равшан.
Равшан ҳама кӯҳу тал,
Равшан тамоми ҷангал.
Ин моҳ дар осмон не.
Бар ту магар аён не?

## СУБҲИ РОҒУН

Субҳи дамида гулгун
Субҳи сафои Роғун.
Дилро намуда мафтун
Боду ҳавои Роғун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сурхоби зӯри майдон,
Гардида моту ҳайрон,
Қоил ба зӯри инсон,
Шод аз нидои Роғун.

Хуршед – лаълии зар,
Аз қулла мекашад сар.
Гирад бағал чу модар,
Сар то ба пои Роғун.

Мардони кордида
Аз ҳар тараф расида,
Бас нақшаҳо кашида
Баҳри бинои Роғун.

## БИРАВ, ШАМОЛАК!

Аз пеши хонаи мо
Бирав, бирав, шамолак!
Накаш ин қадар уллос
Ба монанди шағолак.

Барои оби чашма
Очам дар лаби об аст,
Дар гаҳвора оромак
Хоҳарчаи ман хоб аст.

То омадани очам
Гаҳвора меҷунбонам.
Худам хоҳарҷонамро
Гиристан намемонам.

Аз паси хонаи мо
Бирав, бирав шамолак!
Накаш ин қадар уллос
Ба монанди шағолак.

## КРАНҲО

Кранҳо, эй кранҳо,
Шумо зӯру тавоно.
Мекунам аз фарқатон
Ҳама ҷоро тамошо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шумо хеле баландед,
Ба кори худ писандед,
Ба қувваи дучандон
Ҳар гаҳ ба кор бандед.

Рӯзонаву шабона
Бино намуда хона,
Бори гаронро баред
То ба чорум ошёна.

Бо ёрии шумоҳо
Сад шаҳр гашта барпо.
Навбат гирифта акнун
Роғуни нурполо.

## АЛЛА МЕГӮЯМ

Мо ҳама хобем,
Шукрона бедор.
«Ағо-ағу» - «лаю-ла»
Гӯяд батакрор.

Ба ҷои гиря
Суруд мехонад.
Маънои онро
Худаш медонад:

— Очаҷон хоб аст
Дар пеши рӯям,
Акнун варо ман
Алла мегӯям.

## ЧӮПОН ШАВАМ

Калон шавам, чӯпон шавам,
Чӯпони баррабон шавам.
Аз пушти барраҳо равам,
Бар кӯҳу пуштаҳо давам.
Баррачаҳо чаро кунанд,
Чаро ба иштиҳо кунанд.
Сер шуда, калон шаванд,
Шодии баррабон шаванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## НИНИИ МО

Нинии мо
Калон шудаст,
Соҳиби ду
Дандон шудаст.
Шариф дида,
Ҳайрон шудаст,
Очам дида,
Хандон шудаст.

## ХОБАКАШ БУРДАСТ

Мактабхон шавам,
Ҳамадон шавам.
Киштие созам,
Ба об андозам.
Киштии бобе,
Мисли мурғобӣ,
Рӯ-рӯи дарё
Равад ҳар куҷо…
Хаёли ширин
Дар сари Шоҳин,
Киштича дар даст
Хобакаш бурдаст.

## МОНАНДИ ОЧАИ МАН

Очаи ман очаҷон,
Очаи ман меҳрубон,
Гоҳе сари оташдон
Машғули пухтани нон.

Гоҳе сари дастархон
Ҳамроҳи меҳмонон.
Очаи ман ягона-
Очаи ман қаҳрамон.

Дар сари синаи ӯ
Ситора аст овезон.
Асло намешавам сер
Аз он чеҳраи хандон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар чизе аз вай пурсӣ,
Ҷавоби ӯ «Лаббай, ҷон».
Монанди очаи ман
Бошад магар дар ҷаҳон?

## ХОЛАИ ДУХТУР

Гаштам чу бемор,
Ранҷур бисёр.
Бар ман чу модар
Гаштӣ ту ғамхор.

Сӯзан халондӣ,
Дору равондӣ.
Асло маро ту
Танҳо намондӣ.

Ҷонона гуфтӣ,
Афсона гуфтӣ,
Хобонда манро,
Худат нахуфтӣ.

Бахшида дармон
Бар ҷисму бар ҷон,
Вақте ки хестам,
Гаштӣ ту хандон.

Холаи духтур,
Номи ту машҳур,
Зеро ки ҳастӣ
Аз дардҳо зӯр.

## МАН ГУЛБАҲОРАМ

Доим серкорам,
Ду нинӣ дорам,
Яктааш зочам,
Якташ аз очам.
Ҳарду сияҳмӯ,
Ҳардуяш хушрӯ,
Ҳарду хушзабон,
Чун гули хандон.
Ҳардуи онҳо
Хушрӯи дунё.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧИРО КУНАМ ИНТИХОБ?

Акои ман муаллим,
Ба мо медиҳад таълим.
Амаки ман Бахтёр
Устои хуби гилкор.
Холаи ман бофанда,
Тағои ман ронанда,
Ҳар кадомаш касби боб,
Чиро кунам интихоб?

## ЯК ПОЯШРО ХУНУК ХӮРД

— Нигаҳ бикун, очаҷон,
Якпоя шуд мокиён.
Якпоя ӯ чаро шуд,
Як пояқаш куҷо шуд?
— Нашав беҳуда ҳайрон,
Айб аз худи мокиён:
Дар катак, ки шаб набуд,
Як пояшро хунук хӯрд.

## БАҲОРИ КӮҲИСТОН

Раҳ ба раҳ сабза,
Раҳ ба раҳ лола.
Як тараф хуршед,
Як тараф жола.

Раҳ ба раҳ боғ аст,
Боғҳо пургул.
Раҳ ба раҳ овоз,
Нағмаи булбул.

Раҳ ба раҳ гандум,
Ганҷи деҳқонӣ,
Ин ҳама шоҳид
Аз фаровонӣ.

Ҳар куҷо бингар,
Сабзу гулзор аст.
Ҳар нигоҳи кас,
Тоза ашъор аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар гумонам нест
Чун диёри мо,
Чун баҳори мо
Дар рӯи дунё.

## АСАЛИ МАЙ

Соли куҳан, ки бигзашт,
Аз сари нав ба ин дашт
Марди порина омад,
Бегаҳи дина омад.
Ҷои хобаш тайёр шуд,
Қуттиҳояш қатор шуд.
Аз қуттиҳои калон
Баромаданд орувон.
Парида думи дар дум,
Сари гулҳо шуд ҳуҷум.
Аз ҳар гуле чашида,
Шираи он макида,
Асал барои моён
Тайёр кунанд орувон.
Бобои элакбасар
Бобои асалпарвар
Мӯсафеди дилкушод
Аз асалаш ба мо дод.
Хӯрда як косаи пур,
Гуфтем:
— Бобо, ташаккур!

## ДАРВОЗАБОН

Дарвозабон, дарвозабон,
Эй шарафи командамон.
Тӯбро гир аз пеши ҳариф,
Наздики дарвоза намон.
Бо пой зан, бо сар бизан,
Ҳушёр бош, тезтар бизан…
Гар гол хӯрад аз мо рақиб,
Холе шавад моро насиб.
Чашмони мо бар рӯи ту,
Уммедамон бар сӯи ту.
Дарвозабон, дарвозабон,
Эй шӯҳрати футболамон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тӯбро гир аз пеши ҳариф,

Наздики дарвоза намон!

Бо пой зан, бо сар бизан,

То гол шавад, зудтар бизан!

## АЛЛА

Эй болу пари оча,

Ҷону ҷигари оча,

Дар дидаву дил ҷойӣ,

Шому саҳари оча.

Чун моҳ дар об акнун,

Осуда бихоб акнун.

Роҳе, ки ту мехобӣ,

Як пораи маҳтобӣ.

Гавҳораи ту нармак,

Озор намеёбӣ.

Чун моҳ дар об акнун,

Осуда бихоб акнун.

Эй барраи ширмастам,

Эй дастагули дастам,

Механдию меболам,

Хушбахти ҷаҳон астам.

Чун моҳ дар об акнун,

Осуда бихоб акнун.

То ин ки калон гардӣ,

Пуршӯҳрату шон гардӣ,

Дар кор сазовору

Фарзанди замон гардӣ.

Чун моҳ дар об акнун,

Осуда бихоб акнун.

## АКОЯМ КРАЗРОН АСТ

Акоям кразрон аст,

Мошини вай калон аст.

Аз саҳарӣ то бегоҳ

Кораш кашон – кашон аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар сохтмони Роғун
Мекунад кор акоям.
Гоҳе ба ҷои кораш
Ман ҳам рафта меоям.

Бо крази худ аком
Сангу шағал кашонад.
Мошинаи зӯри вай
Ҳеҷ гоҳ дар намонад.

Баҳри бунёди шаҳре
Дар рӯи Дашти Майдон
Мекашонад акоям
Оҳану сангу бетон.

## НАРГИСУ ЛОЛА

Наргису Лола
Чун хоҳаронанд.
Ҷуфте ба сони
Кабӯтаронанд.

Якҷоя ҳар ду
Мактаб равона.
Бодастуроянд
Дар кори хона.

Гӯё, ки якто
Дугона онон,
Байни дигарҳо
Ягона онон.

## СОАТИ КРЕМЛ

Соати Кремл
Соати зӯр аст.
Ба набзи даврон
Ҳамеша ҷӯр аст.

Дар мулки моён
Ҳар кори шоён
Ибтидо гирад
Бо задани он.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо задани он
Мо бо замонем.
Имрӯз хурду
Фардо калонем.

## ҲАШАР

Мӯрчае буд, пир буд,
Маконаш адир буд.
Духтару писар надошт,
Ғамхоре дигар надошт.
Анбораш аз дон холӣ,
Суфрааш аз нон холӣ
Дар фикри зимистон буд,
Бечора буд, ҳайрон буд,
Ҳамсояаш хабар шуд,
Бархосту дар сафар шуд.
Тамоми мӯрчагонро -
Ҳам хурду ҳам калонро
Ӯ яксара хабар кард,
То бегаҳӣ ҳашар кард.
Мӯрчаҳо дон оварданд,
Резаи нон оварданд.
Пур шуд анбори холӣ
Аз дону нону шолӣ.
Мӯрчаи пир гашт шод,
Ёру рафиқ зинда бод!

## БОБОИ НАКӮКОР

Бобои мо накӯкор,
Китобаш хеле бисёр.
Китобҳои бобоpо
Пиру ҷавон харидор.

Бобои мо, ки пир аст,
Мӯҳояш ранги шир аст.
Мекунемаш эҳтиром,
Ӯ пири ботадбир аст.

Нишаста дар дӯконаш,
Айнаке дар чашмонаш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

То бегаҳ диҳад китоб
Барои фарзандонаш.

«Канӣ, ба кӣ афсона?
Ба кӣ шеъру тарона
Ба кӣ ҳикоя, чистон?» -
Пурсад аз мо шодона.

Бурда доим ҳаловат
Мо аз китоби бобо.
Панду ҳикмат гирифта,
Шавем оқилу доно.

## ШУКРОНА МАКТАБ МЕРАВАД

Базме бапо дар хона шуд,
Аз боиси Шукрона шуд.
Ҳар сӯ муборакбодиҳо
Монанди як афсона шуд.
Шукрона мактаб меравад,
Аз пушти матлаб меравад.

Рӯяш ба монанди анор,
Чашмони шӯхаш нурбор.
Дар кокулаш пӯпакчаҳо
Монанди садбарги баҳор.
Шукрона мактаб меравад,
Аз пушти матлаб меравад.

Додар табассум мекунад,
Хоҳар табассум мекунад.
Сад орзу андар дилаш
Модар табассум мекунад:
Шукрона мактаб меравад,
Аз пушти матлаб меравад.

## МӮРЧА ДОН МЕБАРАД

Мӯрча дон мебарад,
Резаи нон мебарад.
Аз оғози баҳорон
То ба хазон мебарад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Донаро бо дасташ не,
Ӯ бо даҳон мебарад,
Бе мошину ароба
Кашон – кашон мебарад.

Мӯрча дон мебарад,
Дони калон мебарад.
Баҳри рӯзи зимистон
Роҳати ҷон мебарад.

## НАСИБИ МО

Дашту даман,
Боғу чаман,
Зебо Ватан
Насиби мо.

Ханда ба лаб,
Ҷашну тараб,
Пагоҳу шаб
Насиби мо.

Шӯҳрату шон,
Бахти ҷаҳон
Давру замон
Насиби мо.

Хонишу кор
Гашта шиор
Дар ин диёр
Насиби мо.

## ҲАМРОҲИ МО МОН!

Харгӯши тарсон,
Харгӯши ҳайрон.
Ҳастӣ чаро ту
Аз мо гурезон?

Мо дӯстонем,
Аз як маконем.
Танҳо туро мо
Ҳаргиз намонем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сабзӣ хурӣ, ҳаст,
Ҳарчӣ хурӣ, ҳаст.
Бар ту ягон кас
Намезанад даст.

Ҳамроҳи мо мон,
Ҳамроҳи мо хон!
Монанди моён
Ҳама чиро дон!

## ДАР САРҲАД

Ба вақти шому ними шаб
Ҳама атроф торик аст,
Хати сарҳад, ки маълум аст,
Чу як пайроҳи борик аст.
Сагаш ҳамроҳи сарҳадбон
Назар бар соҳил андозад.
Шаби тирики сарҳадро
Ба ин сурат саҳар созад.
Саги пайгири сарҳадбон
Паи бегона мекобад.
Парад гар пашшае он ҷо,
Варо, албатта, меёбад.

## ХОБИ ГУРБА

Гурбаи Гулҷони мо
Пешаки айвони мо
Хобиду дар хоб дид,
Як муши нобоб дид.
К – ӯ ба китоби Далер
Мекунад дандонаш зер,
Мекашид ӯ бошитоб,
Хост даронад китоб.
Гуфт: «Аҷаб, ин қадар,
Гашта зи худ бехабар.
Беадабӣ кор нест!»
Ғурриду аз ҷой хест,
Лек мушакро надид,
Аз карда изо кашид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШАҲПАРАК

Шаҳпараки ранги ба ранг,
Чӣ мекунӣ гаранг – гаранг?
Бигӯ, чирой дар суроғ?
Биё ту аз пасам ба боғ.
Шукуфта гул ба боғ бин.
Ба рӯи барги гул нишин.
Ҳазори дар ҳазор гул,
Саросари диёр – гул.
Ба ҳар куҷо, ки хоҳӣ, пар,
Ҳаловати баҳор бар.
Бибар сифоти боғи мо
Ба дурҳо, ба дурҳо.

## ГУЛЧАҲОН

Гулҷаҳон ҷаҳони гул,
Ғунчаи хандони гул.
Духтараки ягона,
Нури чароғи хона.
Рақсу таронаи мо,
Моҳи ягонаи мо.
Духтараки беқарор,
Гаҳ бинияш бо Баҳор.
Гоҳ акояш Шараф
Бардошта рӯи каф.
Пои варо дар замин
Кай бигузорад Амин?
Хоҳари се додарон,
Дастагули хонадон.
Бо ӯ ҳама механдем,
Бо ӯ ҳама хурсандем.

## БАРФАК

Дар як шаби зимистон
Бузаки зарди калон
Бузғолаяке зода,
Хезонда, шираш дода.
Гӯшҳояш чун барги бед,
Саропояш сап-сафед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Даҳонакаш набошад,
Забонакаш набошад,
Чашму думаш набошад,
Рӯю сумаш набошад,
Аз барфи кӯҳсорон
Фарқе намекунад он.
Мо аз ин хел шодем,
«Барфак» номаш ниҳодем.

## САРДАРА

Сардара ҷои зебо
Вақти баҳорон шавад.
Чодари сабзаш ба бар
Мисли арӯсон шавад.
З- абраки болои сар
Чак-чаки борон шавад.
Сӯи дигар офтоб
Хандаду тобон шавад.
Сар ба сари Сардара
Чукрию торон шавад.
Бо кулаҳи сап-сафед
Қорч намоён шавад.
З-обаки сарди зулол
Пур ҷӯборон шавад.
Зам ба навои дара
Нағмаи мурғон шавад.
Сад гули ранги ба ранг
Сӯи ту хандон шавад.
Ҳар кӣ тамошо кунад
Волаву ҳайрон шавад.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУНДАРИҶА


Болу пари мо сулҳ аст ........... 4
Афсонаи Роғун ......................—
Дарёи Сурхоб ......................... 5
Орзу ........................................ 6
Гӯшаи нав ............................... 7
Истироҳатгоҳ .........................—
Кӯҳи Роғун .............................. 8
Кранчӣ.................................... 9
Асои чӯпон .............................—
Амаки Ҳасан ......................... 10
Гулдаста ............................... 12
Калон аз Тоҷикистон.............—
Нотиқ.....................................—
Бибиям ҷони ҷон аст............ 13
Муаммо................................. 13
Дугонаҳо ............................... 14
Фароштуруки меъмор ...........—
Соати бобо ............................—
Тӯҳфа.................................... 16
Ҷингиламӯ Сайёра ................—
Ёрӣ ба хола .......................... 18
Аввал бубин ҷои худ.............—
Соат ..................................... 19
Шарора ................................. 20
Зимистон ............................... 20
Як шаби сармо гузашт ...........—
Чашми сарҳад ........................—
Лакатор ................................. 21
Ман аз шумо калонам........... 22
Фаровонӣ ...............................—
Ман хушбахти ҷаҳонам......... 23
Рухсора алам дорад .............—
Модар ................................... 24
Дуои бибӣ ..............................—
Ҳайкали тило......................... 25
Меҳмон .................................—
Расми кӯҳистон ..................... 26
Деҳаи мо ...............................—
Нони гандум .......................... 27
Дигар ҷӯрат намешам...........—
Чашма................................... 28
Фасли хазон...........................—
Чормағз................................. 29
Бузғола ................................. 32


*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Газанда ................................ 33
Масхарабоз ..........................—
Нозири роҳ............................ 34
Дунё пур аз суол аст .............—
Нишонаҳо ............................. 35
Кӯҳнавардон ..........................—
Таркиш ................................. 36
Уқобхона ...............................—
Бобои мо посбон ................... 37
Шаҳри пурбор....................... 37
Дара пур аз нур .................... 38
Роҳкушо ................................—
Моҳи заминӣ......................... 39
Субҳи Роғун ..........................—
Бирав, шамолак ................... 40
Кранҳо..................................—
Алла мегӯям .......................... 41
Чӯпон шавам .........................—
Нинии мо .............................. 42
Хобакаш бурдаст ..................—
Монанди очаи ман ................—
Холаи духтур ........................ 43
Ман Гулбаҳорам ...................—
Чиро кунам интихоб?........... 44
Як пояшро хунук хӯрд ...........—
Баҳори кӯҳистон....................—
Асали май ............................. 45
Дарвозабон...........................—
Алла .................................... 46
Акоям кразрон аст.................—
Наргису Лола........................ 47
Соати Кремл.........................—
Ҳашар ................................. 48
Бобои накӯкор ......................—
Шукрона мактаб меравад..... 49
Мӯрча дон мебарад ..............—
Насиби мо............................ 50
Ҳамроҳи мо мон! ..................—
Дар сарҳад ........................... 51
Хоби гурба ...........................—
Шаҳпарак ............................. 52
Гулчаҳон .............................. 52
Барфак..................................—
Сардара ............................... 53

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

**САЙҚАЛ**

# АФСОНАИ РОҒУН

(шеърҳо барои бачаҳо)

| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | А. Муҳаммадиев |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | М. Саидова |
| Тарроҳ | Ф. Раҳимов |
| Ҳуруфчинии компютерӣ | Р. Муҳаммадиева |
| Мусаҳҳеҳ | Р. Атоева |

Ба матбаа 24.05.2006 супорида шуд. Ба чопаш 30.05.2006 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70х90$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 3,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,01. Адади нашр 800 нусха. Супориши №31/06.

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 221-95-43.
E-mail: ejodfir@mail.ru.

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*